**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзӯи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилои олии касбӣ (дар мисоли ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст**

## 1.Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия

Дар раванди расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёркунӣ ва азнавтайёркунии мутахассисони соҳибтаҷриба хело назаррас мегардад. Вобаста ба ин таъминоти саривақтии кадрҳо барои рушди бомуваффақияти низоми таҳсилоти олии касбӣ мубрам ҳисобида шуда, аз ташкили оқилонаи таъмини захираҳои кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти истифодаи усулҳои муосири мотиватсионӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳоро алоқаманд буда, имконият медиҳад, ки таъминоти кадрӣ ва рушди самараноки ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Аз таҷриба бар меояд, ки имрӯз масоили зиёде нисбати баландбардории самаранокии идоракунии захираҳои кадрӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти маҳдудияти захираҳои молиявӣ вобаста буда, таҳқиқи хусусиятҳои ҷойдошта ва таъсири омилҳоро ба фаъолияти самараноки низоми идоракунии кормандон тақозо мекунад. Мутаассифона масъалаҳои зиёде ҳангоми омӯзиш мавҷуданд, ки таҳқиқи амиқро бо назардошти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар назар дорад. Таъмини захираҳои кадрӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, ҳангоми тайёр кардани кадрҳои соҳибкасб ва соҳибтахассус барои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ такмили механизми мотиватсиониро тақозо мекунад, ки аз ташкили заминаи додани мукофоти моддӣ-пулӣ ва рушди низоми муносибатҳои муосир вобаста буда, таҳия ва татбиқи механизми мотиватсионии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологиро дар бар мегирад. Инчунин, таҳия ва рушди сиёсати муосири кадрӣ ва низоми идоракунии онҳо бо назардошти афзалиятҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои ғайримолиявии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ аз аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявии ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои такмили ин низомро дар шароити муосир тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи диссертатсионии Исвалиев Б.Ҷ. бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

## 2.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) ба бандҳои: «5.4 - Системаи муносибатҳои «инсон-истеҳсолот» (намудҳо, муҳтаво, тақсимот, кооператсия, махсусгардонии меҳнат ва ғайра); қонуниятҳо ва тамоюлоти нави ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодаи қувваи корӣ; механизми баланд бардоштани самаранокии онҳо дар иқтисодиёти бозории иҷтимоӣ; роҳҳои истифодаи самараноки ҷойҳои кории амалкунанда ва нав; 5.6. Ҳавасмандгардонӣ ва музди кори кормандон; ташкили музди кор ва таъмини робитаи мутақобилаи он бо тахассуси ҳайати шахсӣ ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолкунӣ ва ҳавасмандкунии (мотивизатсияи) музди кор; 5.7. Проблемаҳои сифати қувваи корӣ, омодасозӣ ва ташаккули салоҳияти тахассусӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо; ташаккули қобилияти рақобатпазирии кормандон; самтгирии тахассусии аҳолӣ; зудамалии кадрҳо; 5.9. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, таҳаввули меъёрҳо, методҳои андозагирии омилҳо ва захираҳои болобарӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокии меҳнат» мувофиқат мекунад.

## 3.Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳмамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи рисола дида мешавад. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии тамоюли вазъи муосири

ҳавасмандгардонии меҳнат ва иқтидори кадрии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар рисола асоснок карда шудаанд, ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҷараёни тадриси фанҳои менеҷмент, менеҷменти инноватсионӣ, идоракунии кадрҳо, менеҷменти меҳнат, иқтисодиѐти меҳнат ва менеҷменти кадрӣ истифода мешаванд.

Муаллиф дар инкишофи равандҳои пешниҳоди чораҳои амалӣ нисбати такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣва рушди муносибатҳои судманди ичтимоои-иқтисодӣ саҳм гузошта, бо натиҷаҳои бадастовардааш самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳои асоснок карда, дар асоси онҳо татбиқи механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон ва истифодаи имтиёзҳро исбот кардааст.

Аз ин рӯ, аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар шароити муосири зоҳир мегардад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меѐбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот бадастомада, метавон саҳми муҳим дар такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намуд. Инчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф тасдиқ мегардад.

Хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ баровардa шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

### 4.Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

1. таҳқиқи пурраи асосҳои назариявии арзёбии мотиватсияи таъминоти кадрӣ дар асоси нуқтаи назари мактабҳои гуногуни иқтисодӣ омӯхта шуда, таърифи муаллифии ин категорияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст. Ба ақидаи муаллиф «мотиватсия ин ҳаракат ва рафтори одамон мебошад, ки ҳангоми амалӣ кардани рафтори мақсаднок бо меҳнати мушаххас ва абстрактӣ дар заминаи қобилияти зеҳнӣ ва амалисозии тартиби иҷрои он ифода мегардад ва ба хусусияти хос ва аслии рафтори корманд, шахси фаъолияткунанда дахл дорад»;

2. дар рисола муаллиф омӯзиши ҳаматарафаи хусусиятҳои механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян ва ошкор намуда, фарқи ин механизм аз механизми мотиватсионии низоми иқтисоди нақшавӣ мушаххас кардааст. Вобаста ба таҳқиқи низоми муносибатҳои бозорӣ механизми мотиватсионӣ дар асоси арзёбии ҳаракатҳо, истифода аз технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пешниҳод шудааст;

3. дар сатҳи зарурӣ бо истифода аз натиҷаи таҳлили муқоисавии иқтидори кадрӣ ва низоми мавҷудаи механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ва амалисозии механизми муосири мотиватсионӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва мотиватсияи кормандон, инчунин ба ҷалби мутахассисони ҷавони болаёқат ва баландихтисос мусоидат мекуна, асоснок ва муайян карда шудааст;

4. дар рисола омилҳое, ки ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таъсир мерасонанд бо назардошти маҳдудиятҳо аниқ карда шуда, ду омили асосӣ: ҳавасмандгардонии моддӣ (музди меҳнат, мукофотҳои пулию молӣ) ва маънавӣ (муносибати одилона ва қадрдонии заҳмати корманд) дар асоси баҳисобгирии кӯшишҳои зарурӣ муайян шудааст;

5.дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таҳқиқ ба анҷом дода шуда, роҳҳои амалии истифодаи дастовардҳои пешқадами ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои мавҷуда асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

6. дар рисола тавсияҳои асоснок нисбати такмили чораҳо оид ба механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дар шароити иқтисоди бозорӣ, арзёбии стратегияи такмили

механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ, рушди тамоми бахшҳо ва падидаҳои марбути соҳаи маориф, инчунин такмили ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда шудааст.

## 5.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳоро дар бар гирифта, он аз 173 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ.4-15), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби аввали рисола “Асосҳои назариявии таҳқиқи механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ” (саҳ.16-65) моҳияти назариявии механизми мативатсионии таъминоти кадрӣ (саҳ.16-31) таҳқиқ карда шуда, омилҳои таъсиркунанда ба таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) (саҳ.31-49) муайян карда шудаанд, инчунин омӯзиши таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.49-65) ба сомон расонида шудааст.

Аз таҳлили зербанди аввали боби якуми рисола бар меояд, ки дар асоси омӯхтани асосҳои назариявии таҳқиқи механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ накши он дар арзёбии беҳдошти натиҷаи меҳнат дида баромада шудааст ва баъдан ин натиҷаҳо имконият додаанд, ки такмили ин механизм дар шароити имрӯза дар асоси баррасии усулҳои моддии мотиватсияи кормандони МТОК мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф омилҳои таъсиркунанда ба таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дида баромада шуда, таркиби эҳтиёҷи инсон арзёбӣ шуда, принсипҳои идоракунии кадрӣ мавриди омӯзиш қарор дида шуда, нақши музди меҳнат ва иҷрои функсияҳои мотиватсионии он барраси шудааст. Инчунин, таъсири мутақобилаи омилҳо ба воситаҳо ва усулҳои дар раванди мотиватсионӣ амалишаванда ва аҳаммияти омилҳои системаи мотиватсионӣ барои

гурӯҳҳои гуногуни кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баҳо дода шудааст.

Боиси дастгирӣ натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз тарафи муаллиф ба анҷом дода шудааст ва истифодаи он дар мамалакати мо имконпазир аст ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми рисола "Вазъи муосири механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ.66-108) хусусиятҳои хоси механизми мотиватсионии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.66-76) муайян карда шуда, таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ (саҳ.76-92) гузарониад шуда, баҳодиҳии ҳолати муосири рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сурат гирифтааст (саҳ.92-108)

Дар зербоби аввали боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқи хусусиятҳои хоси механизми ҳавасмандгардонии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси арзёбии омилҳои ҳавасмандгардонии меҳнат, ки ба муносибати кормандон таъсир мерасонанд муайян карда шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ дар зебоби дуюми ин боб таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон ва сатҳи бекории аҳолӣ дар минтақаҳои он, арзёбии шуғли аҳолӣ аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ, таъминоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти зинаҳои аспирантура ва докторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 ба сомон расонида шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

Дар ин радиф ақидаи муаллиф нисбати истифодаи механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар МТОК, ки ба афзудани шумораи ҳимояи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкили шуроҳои диссертатсионӣ дар назди муассисаҳо ва ҳавасмандгардонии молиявии ҳайати роҳбарони илмӣ ва кормандони илмии муассиса боиси дастгирӣ мебошад.

Ба ақидаи мо баҳодиҳии ҳолати муосири рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи

шумораи муассисаҳои илмӣ, ки ба корҳои илмӣ таҳқиқотӣ машғуланд, хароҷот барои илм аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии сохтори фонди инноватсионӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи зарурӣ гузаронида шудааст.

Мо пешниҳоди муаллифро нисбати ташкили инфрасохтори инноватсионӣ, ки тамоми хусусияти самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳоро ба инобат гирифта мувозинатро дар ҳамкории онҳо барои баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти инноватсионӣ муқаррар менамояд астгирӣ менамоем.

Инчунин, чораҳои пешниҳод намудаи муаллифро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саривақтӣ мешуморем.

Дар боби сеюми рисола "Такмилдиҳии механизми мотиватсионӣ ва таъсири он ба рушди кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ.109-144) танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.109-120) арзёбӣ карда шуда, самаранокии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.120-130) баҳо дода шуда, таъмини рушди креативии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.130-144) арзёбӣ карда шудааст.

Аз баррасии танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бар меояд, ки арзёбии ҳайати омӯзгорони ин муассисаҳо барои солҳои 2018-2022 хело зарур дониста шуда, унсурҳои танзим ва баландбардории пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнатии ҳайати омӯзгорон ва профессорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд. Мо истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии мотиватсия ва ҳавасмандгардонии меҳнат нисбат ба ҳар як устодро дар МТОК зарур медонем.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ самаранокии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин радиф диққати асосӣ ба таҳия ва татбиқи стратегияи истифодаи самараноки механизми таҳсилот ва таъмини рақобатпазирии он дар МТОК ва самтҳои он амалӣ кардан зарур дониста шудааст, ки дар асоси баланд бардоштани сатҳи таъмини сармоягузорӣ барои рушди базаи моддию техникии мактабҳои олӣ, тавсеаи фаъолият бо истифода аз равандҳои инноватсионӣ; такмили сохтори институтсионалӣ дар самти васеъ намудани доираи фаъолият:

ташкили филиалҳо, таҳсилоти фосилавӣ ва дигар шаклҳои таълими донишҷӯён; пурзӯр намудани диққат ба таълими ҳаматарафаи толибилмон, тамоюли касбии онҳо ба вазъияти мушаххаси иҷтимоию иқтисодии мамлакат, вилоятҳо; диверсификатсияи минтақавии хизматрасонии таълимӣ тавассути ташкили филиалҳо, ҷалби мутахассисони пешқадам ба раванди таълим бо истифодаи максималии имкониятҳои кормандони муассисаҳои илмию таълимӣ дар минтақаҳо; таъминот бо воситаҳои муосири таълимию методӣ, таҳияи бахши иттилоотӣ барои эҷод ва татбиқи инноватсияҳо амали карда мешавад.

Аз таҳлили ин боби рисола бар меоялд, ки дар он таъмини рушди креативии фаъолияти кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси баррасии намудҳои асосии механизми таъминоти кадрӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва омилҳои мотиватсионӣ, ки хусусиятҳои механизми ҳавасмандгардонии кадрҳои МТОК-ро баҳо медиҳанд ва чордаҳ омили ба ҳавасмандии кормандон таъсиррасон гузаронида шудааст.

Дар зербоби охирини боби сеюм омилҳои асосии таъмини профессорону омӯзгорони соҳибихтисос дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва дастгирии ҳавасмандгардонии омӯзгорон бо назардошти имкониятҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳар сол музди меҳнати муаллимонро бо назардошти баҳодиҳии рейтингии холисона ба натиҷаҳои кории онҳо зиёд намоянд; ташкили шароити хуби корӣ, аз ҷумла шароит барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ; ташкили имконияти баландбардории касбият ва такмили ихтисос дар хориҷи кишвар; таъмини дастрасии кофӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; эътироф ва пешбарии натиҷаи меҳнатии ҳайати омӯзгорон ба мукофотҳои соҳавӣ; ҳавасмандгардонии навоварӣ ва эҷодкорӣ дар омӯзиш, дастрасии имтиёзҳо зарур дониста шудааст.

Дар асоси арзёбӣ рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи маорифи кишвари мо сурат гирифтааст. Инчунин такмили ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дида баромада шудааст.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф маҷмӯи тадбирҳои мушаххасеро ироа кардааст, ки аз натиҷаи таҳлили вазъи муосир ва такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бармеоянд.

Дар охири рисола инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 145-151).

## 6.Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия

Дар диссертатсияи тақризшаванда дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалии бадастовардаи унвонҷӯ хеле зиёд буда, барои дифои диссертатсияи номзадӣ кофӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия дар сатҳи муайян асосҳои назариявию методии таҳқиқи механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ бо назардошти таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба анҷомдода шуда, гузаронида шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва методӣ, на ҳамаи ҷабҳаҳои ин низом ва масоил дар асоси таҳқиқи таҳаввулоти меҳнат, моҳияти ҳавасмандгардонӣ ва такмили ин низом дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти арзёбии консепсияи муосири такмили низоми мотиватсияи таъминоти кадрӣ ва ба вуҷудоии тағйиротҳои трансформатсионӣ ба пуррагӣ омӯхта шудааст.

2. Дар рисола таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва имкониятҳои роҳандозии он (саҳ.49-65) вобаста ба шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода нашуда, пешниҳодҳои асоснок нисбати истифодаи ин таҷриба дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон асоснок нагардидааст.

3. Ба ақидаи мо дар рисола бояд ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои хоси механизми мотиватсионии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти баррасии тағйирёбии сохторӣ, амали намудани механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ва таъминоти ин муассисаҳо бо воситаю захираҳои инноватсионӣ ҷойи муносиб ҷудо карда мешуд. Мутаассифона ба ҳалли ин масъала диққати зарурӣ дода нашудааст.

4. Дар рисола ҳангоми баҳодиҳии ҳолати муосири рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.92-108) дар асоси нишондиҳандаҳои асосӣ ва раванди ҳавасмандгардонӣ пурра сурат нагирифтааст. Инчунин омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

5. Дар рисола ҷойи махсус ба танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.109-119) дода шудааст. Мутаассифона арзёбии пурраи танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ, рушди бахши хусусӣ дар ин соҳа ва самаранокии он дар шароити кунунӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

6. Дар рисола арзёбии самаранокии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.120-129) дида баромада шудааст. Мутаасифона ин ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи низомҳои муосири таъминоти кадрӣ ва такмили музди меҳнат ва ҳавасмандгардони кормандон пешниҳод нагардидааст.

7. Дар рисола таъмини рушди креативии фаъолияти кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ.130-144) дар сатҳи муайян арзёбӣ гардидааст. Мутаассифона на ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти кормандони ин муассисаҳо мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Назарсанҷишҳо нисбати ин масъала дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар гузаронида нашудааст.

8. Рисола дорои баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ мебошад. Инчунин баъзе аз муқарраротҳоро бо назардошти баланд бардоштани механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равшану аниқ кардан зарур аст.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори такризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, рисолаи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзӯи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилои олии касбӣ (дар мисоли ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

## 7.Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати рисола ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳо илмию амалии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ ва методӣ иҷро шудааст.

## 8.Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзӯи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилои олии касбӣ (дар мисоли ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2. Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел:+992934444107.